**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-19 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак)**

## ТАҚРИЗИ

**автореферати диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” дар илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ва замонавӣ буда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба мавзуи мазкур то ҳол ягон таҳқиқоти бунёдӣ анҷом дода нашудааст. Мубрам будани мавзуи мазкур бо якчанд асосҳо исбот карда шудааст. Барои таъмини тартиби ягонаи мурофиаи судии ҷиноятӣ, яъне ба амал баровардани адолати судӣ, қонунгузор мақомоти амаликунандаи мурофиаи судии ҷиноятиро (таҳқиқбаранда, муфаттиш, прокурор, суд) дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавиро нисбати гумонбаршуда, айбдоршаванда ё судшаванда додааст. Татбиқи ғайриқонунии ин салоҳиятҳо дар навбати худ ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо оварда мерасонад. Дар амалия ин салоҳиятҳо бештар дар татбиқ кардани чораҳои маҷбуркунии мурофиавӣ ифода меёбанд. Яке аз онҳо дастгир кардани гумонбаршудагон дар содир кардани ҷиноят мебошад. Он бо вуҷуди сабабҳои гуногун ва проблемаҳои ҳуқуқӣ, бо як қатор мушкилиҳо алоқаманд аст, ки иҷрои чораи номбурда асоснокии дақиқро талаб мекунад. Шахси дар содир намудани ҷиноят гумонбаршуда, танҳо ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар моддаҳои 91, 92, 94-и КМҶ пешбинишуда, дастгир карда мешавад. Дар ин хусус фавран дар давоми

3 соат баъди гузаштани воқеан дастгиршавии шахс бояд протокол тартиб дода, ба муфаттиш ё таҳқиқбаранда барои ҳалли масъалаи дастгиршавии мурофиавии ӯ, супурда шавад.

Ба дастгиршуда тибқи талаботи қисми 2-и моддаи 94 КМҶ протокол эълон карда, ҳамзамон ҳуқуқҳои бо қисмҳои 3, 4-и моддаи 46 КМҶ пешбинишуда, аз ҷумла ҳуқуқи даъват кардани ҳимоятгар ва дар ҳузури ӯ додани нишондод фаҳмонида, ин маълумот дар протокол сабт карда мешавад. Мутобиқи талаботи қисми 2-и моддаи 199 КМҶ ба шахсе, ки ба пурсиш даъват шудааст, хабар дода мешавад, ки ӯ ба ҳайси кӣ, аз рӯи кадом парвандаи ҷиноятӣ пурсиш мешавад, ҳуқуқу ухдадориҳои ӯ, ки дар КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, фаҳмонида, дар ин бора дар протокол қайд карда мешавад. Дастгир кардани шахс ҳангоми мавҷуд набудани шарту асосҳои бо моддаҳои 91, 92, 94-и КМҶ пешбинишуда ё ин ки зиёда аз 3 соат бе тартиб додани протоколи дастгиркунӣ, инчунин дар ҳабс нигоҳ доштани шахс бе иҷозати суд зиёда аз ҳафтоду ду соат ва зиёда аз муҳлати ба ҳабс гирифтан, ки аз тарафи суд иҷозат дода шудааст, ғайриқонунӣ буда, шахси мазкур бояд фавран аз ҳабс озод карда шавад. Ҳангоми мавҷуд будани касди бевосита дар содир намудани ҳаракатҳои ғайриқонунии номбаршуда, шахси мансабдор дар асоси моддаи 358-и КҶ (ғайриқонунӣ дастгир кардан ё дар ҳабс нигоҳ доштан) ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дар сатҳи диссертатсия муаллиф дуруст асоснок ва қайд менамояд, ки мазмуни меъёрҳои КМҶ ва дигар санадҳо гувоҳи онанд, ки дастгир кардани шахсе, ки барои содир кардани ҷиноят гумонбар шудааст, бевосита ба маҳдуд кардани озодии шахс дахл дорад. Ин амал бо иҷрои вазифаҳои саривақтии оғоз ва тафтиши ҷиноятҳо алоқаманд буда, чораи зарурии маҳдуд кардани озодии шахси барои содир кардани ҷиноят гумонбаршуда мебошад.

Мубрамияти мазуъ боз дар он зоҳир мегардад, ки КМҶ ҶТ асос ва тартиби амалигардонии дастгир карданро муайян мекунад, вале қоидаҳои дастгир кардани ҷисмонии шахси гумонбаршударо ба низоми муайян пешбинӣ накардааст. Лекин, дар байни дастгир кардани ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, таносуби

вақт, ки бо ҷорӣ шудани фосилаи вақт бо соатҳо ҳисоб мешавад, дар шароити имрӯза як «холигии ҳуқуқӣ» ҷой дорад.

Муқарратои болозикр танҳо дар сатҳи қонунгузорӣ ҳаллу фасл ёфта, дар доктринаи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ ҳоло фикри ягона оид ба мазмун ва моҳияти онҳо ҷой надорад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб ва хулоса иборат буда, дар он мафҳуми гумонбарӣ ва намудҳои он дар мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моҳияти мурофиавӣ доштани дастгир кардани гумонбаршуда бо гумони содир кардани ҷиноят, ҳолати мурофиавии шахсе, ки ҳамчун гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, асосҳои дастгир кардани гумонбаршуда: мафҳум, намуд, тавсифи назариявӣ, амалияи татбиқи он, таҳлили ҳуқуқии «асосҳои дигари кофӣ»-и дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят ва мақсад, ваҷҳнокӣ ва шартҳои дастгир кардани шахс бо гумони содир кардани ҷиноят, тартиби мурофиавии расмиёти дастгир кардани гумонбаршуда дар содир кардани ҷиноят, таъмини ҳуқуқҳои шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир карда шудааст ва озод кардани шахсе, ки бо гумони содир кардани ҷиноят дастгир шудааст, аз нигоҳи илмӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Муаллиф дар назди худ мақсад ва вазифаҳои муҳим – омӯзиши ҳамаҷонибаи таҳлили асосҳои назарӣ, усулӣ ва амалӣ-ҳуқуқии дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноятро гузоштааст ва аз иҷрои он бомуваффақона баромадааст.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон бо эътимоди комил иброз намуд, ки мавзуи рисола аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Аз моҳияти диссертатсияи Абдуллоева Мадина Камоловна бар меояд, ки ӯ мавзуи мазкурро аз диди замони муосир ва дурнамои онро барои ҷомеаи баъдӣ баррасӣ намуда, бад-ин васила вазифаи худро дар назди наслҳои гузашта, имрӯза ва оянда дар сатҳи зарурӣ анҷом додааст.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, усулҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ истифода шудаанд, имкон доданд, ки диссертатсияро асосноку боэътимод ба анҷом расонанд.

Дар баробари ин, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки онҳоро қайд намудан лозим аст:

1. Муаллиф пешниҳод менамояд (саҳ. 19 автореферат), ки дар қ.1 м. 92 КМҶ ҶТ бояд меъёри зерин пешбинӣ шавад: «Дар ҳамаи ҳолатҳои дастгир кардани шахси гумонбаршуда дар асоси муқаррароти м. 92 КМҶ ҶТ, мақомоти таҳқиқ, муфаттиш ва ё прокурор уҳдадоранд, ки дар протоколи дастгир кардан асос, рӯз, соат, сол, моҳ, ва ҷойи дастгир карданро инъикос намоянд». Ин муқаррарот аллакай дар қ. 2 м. 94 КМҶ пешбинӣ шудаанд. Зарурати чунин пешниҳодро муаллиф зимни ҳимоя шарҳ медоданд.

2. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки қ. 3 м. 92 КМҶ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Баъд аз тартиб додани протоколи дастгиркунӣ дарҳол прокурор, суд ва хешовандони наздики гумонбаршуда хабардор карда мешаванд» (саҳ. 19 автореферат). Ибораи “дарҳол” хуб мешуд бо ченаки вақт нишон дода мешуд.

Албатта, камбудиҳои зикршуда сатҳ ва сифати таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро паст намекунанд ва баҳои мусбати диссертатсияро тағйир намедиҳанд. Хулосаҳои пешниҳодгардидаи Абдуллоева Мадина Камоловна мантиқан дуруст ва илман асосноканд. Бешубҳа, натиҷаҳои таҳқиқоти илмии тақризшаванда аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд, метавонанд дар фаъолияти илмӣ ва раванди таълим истифода шаванд.

Диссертатсия Абдуллоева Мадина Камоловна “Дастгир кардани шахс бо гумони содир намудани ҷиноят” ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад ва муаллифи он Абдуллоева Мадина Камоловна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ мебошад.

**Мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Бобоҷонзода И.Ҳ.**

**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33**
**Моб: (+992 93) 510-77-11, (+992 90) 789-11-70**
**Email: bobojonov_i@mail.ru**

**имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадрҳои Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** **Шозедов Х.Н.**

14.09.2023